# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар дар мавзуи “Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати сабуки вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод шудааст.

03.04. 2023 ш. Душанбе

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар дар мавзуи “Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати сабуки вилояти Хатлон)” таҳқиқоти мустақилона анҷомдодаи унвонҷӯ ба шумор меравад. Андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулосаву тавсияҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонанд мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия мутааллиқ мебошанд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби диссертант мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои бадастомада таҷассуми худро ёфтаанд. Таҳқиқоти илмӣ масоили марбут ба ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати сабуки вилояти Хатлон)-ро дар бар гирифта, муаллиф дар таҳқиқоти худ оид ба асоснок намудан ва нишон додани роҳу усулҳои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ тавсия намуда, пешниҳодҳои илман асоснокро манзур доштааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқшаванда дар таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми ноябри соли 2022, таҳти №268ш/д. ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 4,8 ҷузъи чопӣ) ба нашр расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мавзуи диссертатсия бевосита иртибот доранд. Дар интишороти илмӣ натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Раҳимзода М. Н. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Раҳимзода М. Н. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп нагардидаанд, мавҷуд нест.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60, 61 ва 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар дар мавзуи "Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои

саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати сабуки вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ба Шурои диссертатсиоиии 6D.KOA-O17-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин таъйин карда шаванд:

-Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон;

- Ҷумаев Уктам Мирзоёрович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисод ва менеҷмент филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии «Донишгоҳи пулод ва хулаи Москва» дар шаҳри Душанбе.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Рауфӣ А.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои кишоварзӣ,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Садридинов С.

номзади илмҳои иқтисодӣ,
х.п.и., ИИД АМИТ — Субҳонов А.И.